# САЙЁҲӢ

Маълумоти оморӣ оид ба соҳаи сайёҳӣ дар заминаи тавсияҳои методологии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, ки дар ҳамаи кишварҳои узви Созмон истифода бурда мешавад, таҳия карда шудааст.

Тибқи методологияи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, ҳар як шаҳрванде, ки аз макони зисти худ ба ҷои дигар сафар намуда, зиёда аз 24 соат таваққуф мекунад ва ба кори музднок машғул намешавад, ҳамчун сайёҳ ҳисобида мешавад.

Шахсони зерин аз категорияи сайёҳ хориҷ карда мешаванд:

1) шахсоне, ки бо мақсади кор мунтазам сарҳади давлатиро (ё маъмурӣ) убур мекунанд, ки ҷои истиқомати доимии онҳо ба ҳисоб намеравад;

2) тибқи шартномаи кӯтоҳмуддати меҳнатӣ дар кишвар (ё минтақа), ба истиснои ҷои истиқомати доимии худ (коргарони мавсимӣ дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмон, меҳмонхона ва тарабхонаҳо ва дигар хизматрасониҳо, инчунин кормандони дигар) бо доштани шартномаи расмии меҳнатӣ.

Экскурсант - шахси воқеие, ки сайёҳат ё тамошоро бе шабгузаронӣ дар хориҷи кишвар анҷом медиҳад.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2019 шумораи шахсони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 1319,2 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба ҷумҳурӣ ворид гардидаанд, 1257,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 21,5 фоиз зиёд аст.

Афзоиши шумораи шахсони хориҷии ҳамчун сайёҳ воридшуда (ташрифоварда) нишон медиҳад, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба 222,6 ҳазор нафар зиёд мебошад.

**Кишварҳои бистгона дар солҳои 2018-2019, ки шаҳрвандонашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд**

| *№* | *Давлатҳо* | *Шумораи умумӣ дар соли 2019* | *Соли 2019 (ҳамчун сайёҳ)* | *Соли 2018 (ҳамчун сайёҳ)* | *Нисбат ба соли 2018 (Афзоиш)* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ӯзбекистон | 853634 | 844363 | 733153 | +111210 | +15,1% |
| 2. | Россия | 212062 | 198664 | 157910 | +40754 | +25,8% |
| 3. | Қирғизистон | 116277 | 112023 | 68788 | +43235 | +62,8% |
| 4. | Қазоқистон | 20930 | 18481 | 13933 | +4548 | +32,6% |
| 5. | Афғонистон | 22856 | 14659 | 8827 | +5832 | +66,1% |
| 6. | Хитой | 20200 | 9579 | 8059 | +1520 | +18,8% |
| 7. | Туркия | 6607 | 5665 | 4075 | +1590 | +39,1% |
| 8. | ИМА | 6631 | 5463 | 3418 | +2045 | +59,8% |
| 9. | Олмон | 3987 | 3375 | 2256 | +1119 | +49,6% |
| 10. | Ҳиндустон | 3808 | 3118 | 1038 | +2080 | +3,0 бар |
| 11. | Украина | 3427 | 2795 | 1613 | +1182 | +73,2% |
| 12. | Белорус | 2459 | 2109 | 1979 | +130 | +6,5% |
| 13. | Туркманистон | 2342 | 2103 | 1257 | +846 | +67,3% |
| 14. | Британияи Кабир | 2533 | 2026 | 1440 | +586 | +40,6% |
| 15. | Фаронса | 2015 | 1682 | 1252 | +430 | +34,3% |
| 16. | Ҷопон | 1814 | 1594 | 565 | +1029 | +2,8 бар. |
| 17. | Италия | 1899 | 1444 | 644 | +800 | +2,2 бар. |
| 18. | Молдова | 1562 | 1364 | 1010 | +354 | +35,1% |
| 19. | Канада | 1470 | 1218 | 768 | +450 | +58,5% |
| 20. | Кореяи ҷанубӣ | 1561 | 1125 | 715 | +410 | +57,3% |

Дар давраи ҳисоботӣ аз шумораи умумии сайёҳони воридшуда тамоюли зерин мушоҳида шуд: ҳиссаи мардон дар шумораи умумии шахсони воридшуда 60,4 фоизро (759,4 ҳаз. нафар) ташкил намуд, ҳиссаи занон бошад 39,6 фоиз (497,9 ҳаз. нафар).

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи бахши сайёҳӣ:**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рушди сайёҳӣ аҳамияти махсус зоҳир намуда, заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа устувор шуда истодааст. Аз ҷумла санадҳои зерин қабул карда шудаанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм”;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ”;
- “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”;
- Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030” ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои солҳои 2019-2022.

Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои солҳои 2019-2022 тадбирҳои муҳимро дар самти рушди институсионалии соҳаи сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтор, тарғибу ташвиқи имконияҳои сайёҳӣ ва кашфи бозорҳои нав, чорабиниҳо дар самти ташаккули бренди миллии сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ, омодасозии кадрҳои соҳа ва такмили ихтисоси онҳо ва мутобиқгардонии соҳаи сайёҳи ба стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини амнияти сайёҳон дар бар мегирад.

Тибқи арзёбии Созмони Умумиҷаҳоинии Сайёҳӣ (СУС) дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 ҳиссаи соҳаҳое, ки хизматрасонии сайёҳӣ доранд, дар ҳаҷми умумии Маҷмуи Махсулоти Дохилӣ (ММД) ба ҳисоби миёна 10,4 фоиз ва ҳиссаи бевоситаи бахши сайёҳӣ дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) 2,2 фоиз ташкил медиҳад.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 2257,3 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35,5 фоиз зиёд шудааст.

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла инфрасохтори соҳа, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ тақвият дода шуда, ҷалби маблағҳои грантӣ аз Бонки умумиҷаҳонӣ ба маблағи 15 милллион доллари амрикоӣ барои татбиқи Лоиҳаи “Рушди иқтисодиёти деҳот” ва Бонки осиёии рушд ба маблағи 10 миллион доллари амрикоӣ барои татбиқи Лоиҳаи “Рушди сайёҳӣ” роҳандозӣ гардидааст.

Сармояи ҷалбшуда аз Бонки умумиҷаҳонӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла ба сатҳи байналмилалӣ расонидани мавзеи таърихию табии “Чилучорчашма”, мадрасаи “Хоҷа Машҳад”, мамнуъгоҳҳои “Қалъаи Ҳулбук” ва “Қалъаи Ямчун”, инчунин бунёди меҳмонхонаҳои хурд, утоқҳои қабули сайёҳон, мағозаҳои фуруши армуғонҳо ва дигар инфрасохтори ҷалбкунандаи сайёҳон дар гирду атрофи мавзеъҳои сайёҳии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон равона карда мешавад.

Сармояи Бонки осиёии рушд ба рушди инрфасохтори роҳу пулҳои мавзеҳои сайёҳӣ, таъмини барқу коммуникатсия ва беҳтар намудани омори соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла муайян намудани методологияи ҳисобҳои саттелитӣ, аз қабили пурра муайян намудани саҳми сайёҳӣ дар ММД, дар сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, саҳми сайёҳӣ дар соҳаҳои нақлиёту хуроки умумӣ ва савдои чакана ва дигар ҷанбаҳои оморӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

## ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар нуҳ моҳи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 160 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият намуда ба сайёҳон хизмат расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34 ширкат зиёд фаъолият намуданд.

Бо мақсади таъмин намудани хизматрасонии босифат ба шахсони хориҷии воридшуда дар ҷумҳурӣ 182 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ) 5 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 16 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 24 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 7 меҳмонхонаи 2 ситорадор ва 1 меҳмонхонаи дараҷаи якум ва 129 меҳмонхона бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар давраи ҳисобот 18 адад хостелҳо ва мотелҳо, 44 адад осоишгоҳҳо, 8 адад марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 9 адад хонаҳои истироҳатӣ, 2 адад пансионат ва кемпинг ва 2 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Масоҳати умумии субъектҳои хизматрасонӣ (меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо) дар давраи ҳисобот 174,5 ҳазор метри мураббаъ, шумораи ҳуҷраҳо 7575 адад ва шумораи катҳо 16340 ҷойро ташкил додааст.